**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)**

Таҷдиди сифатии тарбия – таҳкими иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бартарафсозии ақибмонӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, рушди фарҳанги маънавии насли наврас, баланд бардоштани мавқеи иҷтимоӣ ва ахлоқии шахсият мебошад. Дар асл, оид ба азнавсозии муттасил ва мунтазами иқтидори маънавӣ ва фарҳангӣ дар доираи консепсияи миллии дигаргунсозии сифатии таҳсилоти умумӣ сухан меравад, ки тавассути он гузариш ба таҳсилот ва тарбияи сифатан нав, ташаккули рафтори иҷтимоии шахсияти хонандагонро метавон амалӣ намуд.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотии худро ба масъалаи татбиқи тарбияи ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар раванди таълим муайян намудааст.

Дар боби аввали рисола «Асосҳои назарияии тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» номгузорӣ шуда, масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзуи таҳқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст. Муаллиф аз таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст.

Ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ, ба монанди талаботи маърифатӣ, шавқу рағбати маърифатӣ, муносибати эҳсосотӣ ба таҳсилот, баинобатгирии хусусиятҳои синнусолии насли наврас ва дигари он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар боби дуюми рисола «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз шароит ва имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ» роҳҳо ва воситаҳои асосӣ, имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккули тарбияи ватандӯстии насли наврас дар замони муосир мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» масъалаи шароитҳои педагогӣ барои воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатиро баррасӣ намуда, амсилаи педагогӣ муфассал тавсиф шудааст.

Муҳаққиқ тарбияи ҳисси ватандӯстӣ насли наврасро баррасӣ намуда, муносибат бо калонсолон, робита бо ҷомеа ва рушди фарҳанги иҷтимоиро ҳамчун мақсади ташаккули шахсияти том дар муассисаи таълимӣ пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи муаллиф имрӯзҳо масъалаи тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки самти асосии ташаккули инсони ботаҷриба мебошад, хеле муҳим аст.

Автореферати диссертатсия дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмуъ натиҷаҳои кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ дар бораи тарбияи ҳисси ватандӯстӣ бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва нақши он дар ташаккули ахлоқии насли наврас бо як

усусли хос бо овардани санадҳои муътамад ба саҳифаҳои осори илмӣ ишораҳо кардааст.

Хулоса, таҳқиқоте, ки унвонҷӯ ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои педагогикаи имрӯзаи тоҷик боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Кори илмии Мирзозода Акрам Рустам таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пурра мувофиқ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори
кафедраи методикаи таълими фан дар
муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва
миёнаи умумии филиали “Донишкадаи
ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф” дар ш. Душанбе Қурбонова Г.А.

18.05.2026

Суроға: 734000, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1, кӯчаи М. Турсунзода 8а.
Тел: 915272221.

Имзои Қурбонова Г.А.-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои
ФМДДҶТИБКСМ Валиева Т.